**№8025/7.1 аз 25.12.2012**

**Рӯзномаи «Ҷумҳурият»**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 декабри соли 2012, №12-Ф Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал «Дар бораи ҳисоб кардан ва супоридани андози низоми соддакардашуда» дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2012, №239 «а» бақайди давлатӣ гирифта шуд.

Мутобиқи моддаи 73 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта танҳо баъд аз санҷиш, бақайдгирӣ ва интишори расмӣ эътибор пайдо мекунанд.

Дар асоси банди 3 Тартиби интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомотҳои давлатӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009, №532 тасдиқ шудааст, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта пас аз бақайдгирии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз 10 рӯз дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» расман интишор карда мешаванд ва аз рӯзи интишор гардидан мавриди амал қарор мегиранд.

Аз ин лиҳоз, аз Шумо хоҳиш менамоем, ки Дастурамали мазкурро тибқи тартиб ва мӯҳлати муқарраршуда расман интишор карда, маълумот дар бораи нашри онро ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоед.

Пардохти маблағи чоп кафолат дода мешавад.

*Эзоҳ: Замима дар ҳаҷми ___ варақ, инчунин шакли электронӣ дар ҳаҷми 1 (як) диск.*

**Раис** **Н. Давлатов**

**Рӯзномаи «Ҷумҳурият»**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 декабри соли 2012, №12-Ф Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал «Дар бораи ҳисоб кардан ва супоридани андози низоми соддакардашуда» дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2012, №239 «а» бақайди давлатӣ гирифта шуд.

Мутобиқи моддаи 73 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта танҳо баъд аз санҷиш, бақайдгирӣ ва интишори расмӣ эътибор пайдо мекунад.

Дар асоси банди 3 Тартиби интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомотҳои давлатӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009, №532 тасдиқ шудааст, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта пас аз бақайдгирии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз 10 рӯз дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» расман интишор карда мешаванд ва аз рӯзи интишор гардидан мавриди амал қарор мегиранд.

Тибқи банди 15 Тартиби баҳисобгирӣ ва бақайдгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009, №608 тасдиқ карда шудааст, баъд аз бақайдгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқи умуми ҳатмӣ на дертар аз 15 рӯз мақоме, ки ин санадро қабул кардааст ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотро дар бораи сарчашмаи интишори ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод менамояд.

Дар ҳолати пешниҳод накардани маълумот дар бораи сарчашмаи интишори расмӣ Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ кардани Фармоиши мазкур қарор қабул менамояд.

Аз ин лиҳоз, аз Шумо хоҳиш менамоем, ки Дастурамали мазкурро тибқи тартиб ба мӯҳлати муқарраршуда расман интишор карда, маълумот дар бораи нашрионро ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоед.

Пардохти маблағи чоп кафолат дода мешавад.

*Эзоҳ: Замимадарҳаҷми ___ варақ, инчунин шакли электронӣ дар ҳаҷми 1 (як) диск.*

**Раис** **Н. Давлатов**